Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи
Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферата диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзӯи "Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050900 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои собиқ аъзои Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо роҳи бозоргониро пеш гирифт, балки аз кишвари аграрӣ ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ рӯ овард, ки такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун заминаи муҳим ва сарчашмаи асосии маблағгузорӣ барои расидан ба ин мақсад баромад мекунад.

Дар автореферат дарҷ гардидааст, ки асоси молияи мақомоти маҳаллӣ, ки аз буҷетҳои маҳаллӣ иборат аст, барои афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти маҳаллӣ нақши калидӣ мебозад.

Маврид ба зикр аст, ки дар вилояти Хатлон ташаккули иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун зернизоми иқтисодиёти миллии мамлакат дар доираи тағйироти куллӣ дар иқтисодиёти кишвар ва хусусан бахшҳои истеҳсолӣ-хоҷагии он ба амал омада истодааст. Ин амал боис гардид, ки нақши буҷетҳои маҳаллии вилояти Хатлон ва раванди амалишавии онҳо фаъол гашта, ваколатҳои мақомоти идоракунӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа беҳтар карда шаванд. Аз ин рӯ, ташкили такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии, хусусан дар вилояти Хатлон яке аз масъалаҳои мубрам ва зарурӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбанд.

Айни замон, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дар доираи мавзуи мазкур метавонад ҳамчун заминаи асосии рушду такмили соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии маҳал баромад карда, такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мисоли вилояти Хатлон гузаронидашуда моҳияти кори илмиро таҷассум менамояд.

Муаллиф дар автореферат қайд намудааст, ки барои беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди низоми иқтисодӣ, пешрафт дар соҳаи иҷтимоӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои баланд, ба такмил додани механизмҳои идоракунии молияи маҳаллӣ вобастагии калон дорад ва барои

баланд бардоштани самаранокию шаффофияти истифодаи маблағҳои буҷетӣ гузаронидани ислоҳоти амиқ дар низоми идоракунии молияи давлатии маҳаллӣ муҳим мебошад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия дуруст қайд намудааст, ки дар ҳама давру замон агар аз як тараф рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа ба низоми идоракунии молияи давлатии маҳаллӣ ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии ногусастанӣ дошта бошад, аз дигар тараф вобаста ба меъёрҳои баҳодиҳӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа ин ё он вилоятро, пеш аз ҳама, тавассути суботи низоми буҷетии он баҳо медиҳанд.

Вобаста ба ҳамаи муваффақиятҳои бадастовардашуда сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамияти бештар медод:

1. Таҷрибаи хориҷии такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ омӯхта шуда, унсурҳои мувофиқ дар шароити вилояти Хатлон татбиқ мегардид;

2. Сатҳи амалигардии консепсияи ҳукумати электронӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ дар идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ мавриди муқоса бо дигар вилоятҳои мамлакат, монеаҳо дар ин самт ошкор ва таҳким мегардид.

Бинобар ин, қайд кардан зарур аст, ки автореферати рисолаи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва менеҷменти
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар н.Рашт ________ Ниёзов М.А.

*Суроға:* *Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735450, н.Рашт, шаҳраки Ғарм,*
*кӯчаи И.Сомонӣ 22 М.Турсунзода, 30 Тел. (+992 44) 630-38-40. / 630-38-50.*
*Почтаи электронӣ: mniyozov@nbt.tj*

Имзои Ниёзов М.А.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои ДОТ дар н.Рашт ________ Шодизода Н.М.